# Аҳодиси набави дар мавзуи ҳаҷ аз китоби "Боғи накӯкорон"

الأحاديث النبوية في موضوع الحج من كتاب

" رياض الصالحين"

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Таҳияи : Мусаби Ҳамза**

2009 - 1430

islamhouse.com

# الأحاديث النبوية في موضوع الحج من كتاب

# " رياض الصالحين"

**« باللغة الطاجيكية »**

إعداد : مصعب حمزة

2009 - 1430

islamhouse.com

## Китоби ҳаҷ

### Боби 233. Вуҷуби ҳаҷ

Худованд мефармояд: Ва ҳақи Худост бар мардум ҳаҷҷи хонаи Каъба, ҳар кӣ тавоноӣ ба сӯи онро дорад ва аз ҷиҳати асбоби роҳ. Ва ҳар кӣ кофар шавад, пас Худованд бениёз аст аз оламиён. (Оли Имрон: 97)

1271 – Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки  Расули Худо (с) фармуд: Ислом бар панҷ бино устувор аст: Гувоҳӣ додан ба ин, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ таъоло нест ва ин, ки Муҳаммад (с) Расул ва фиристодаи Худост ва барпо доштани намоз ва додани закон ва ҳаҷҷи хона ва рӯзаи рамазон.

1272 – Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки  гуфт: Расули Худо (с) барои мо хутба Хонда ва фармуд: Эй мардум! Ҳамоно Худованд ҳаҷро бар шумо фарз гардонида, пас ҳаҷ кунед. Марде гуфт: оё ҳар сол, эй Расули Худо? Он ҳазрат (с) сукут фармуд, то ин ки ӯ се бор онро такрор намуд. Расули Худо (с) фармуд: Агар бале мегуфтам, воҷиб мешу два онро анҷом дода наметавонистед. Баъд фармуд: Маро дар бораи он чӣ аз шумо тарк намудам, тарк кунед ва бигзоред. Зеро касоне ки пеш аз шумо буданд ба воситаи саволи зиёд ва ихтилофашон бар паёмбарашон ҳалок шуданд, пас ҳар гоҳ шуморо ба чизе амр кардам, он чиро ки аз он битвонед, анҷом диҳед ва чун шуморо аз коре манъ кардам, онро тарк кунед.

1273 – Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки аз паёмбар (с) пурсида шуд, кадом амал беҳтар аст? Фармуд: имон ба Худо ва расулаш. Гуфта шуд: Боз кадом? Фармуд: Ҷиҳод фисабилиллоҳ. Гуфта шуд: Боз кадом? Фармуд: Ҳаҷҷи мақбул.

1274 – Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Касе ки

ҳаҷ куна два фаҳшгӯӣ накарда ва фисқ нанамояд, монанди рӯзе, ки модараш ӯро зоида буд, (бегуноҳ) боз мегардад.

1275 – Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: умра то умра маҳвкунанда аст, барои он чи ки дар миёни онҳоят (аз гуноҳ) ва ҳаҷҷи мақбул мукофоте ҷуз биҳишт надорад.

1276 – Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ (с) мо ҷиҳодро беҳтарин аъмол мебинем, пас оё ҷиҳод накунем? Фармуд: Лекин беҳтарини ҷиҳод ҳаҷҷи мақбул аст.

1277 – Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ рӯзе нест, ки дар он Худованд бандаеро аз ҷаҳаннам озод кунад, беш аз рӯзи Арафа.

1278 – Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: (Савоби) умра дар рамазон бо (савоби) ҳаҷ баробар аст ё бо ҳаҷҷе, ки ҳамроҳи ман гузорида шавад, баробарӣ мекунад.

1279 – Ҳамчунон аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки зане гуфт: ё Расулуллоҳ! Ҳамоно фаризаи Худо бар бандагонаш дар ҳаҷ падарамро, дар ҳоле дарёфта, ки пирамарди калонсол аст ва худро наметавонад бар пушти шутур (маркаб) нигаҳ дорад. Оё аз ҷояш ҳаҷ кунам? Фармуд: Бале.

1280 – Аз Лақит ибни Омир (р) ривоят шуда, ки ӯ хидмати паёмбар (с) омада гуфт: Падарам марди калонсол аст, ки тавони ҳаҷҷу умра аз сафар барои адом он дуро надорад. Фармуд: Аз ҷои падарат ҳаҷ кун ва умра намо.

1281 – Аз Соиб ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: дар Ҳаҷҷату-л-видоъ (хонаводаам) маро ҳамроҳи Расули Худо (с)  ба ҳаҷ бурданд дар ҳоле, ки писари ҳафтсола Будам.

1282 – Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) гурӯҳеро дар Равҳо (номи мавзеъест дар сию шаш мили Мадинаи мунаварра) мулоқот намуда ва фармуд: Аз кадом мардум ҳастед? Гуфтанд: аз мусалмонон. Гуфтанд: Ту кистӣ? Фармуд: Расули Худо (с) мебошам, сипас зане бачаеро боло намуда ва гуфт: оё барои ин ҳаҷ аст? Фармуд: Бале ва барои ту ҳам савоб аст (Ниг. Ба ҳадиси 664).

1283 – Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) бар шутуре ҳаҷ намуд ва ин шутур боркаши матоъу ашёаш ҳам буд.

1284 – Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Уккоз, Миҷанна ва Зулмаҷоз бозорҳое буданд дар ҷоҳилият ва тарсиданд, ки агар дар мавсимҳои ҳаҷ тиҷорат кунанд, гунаҳкор шаванд. Аз ин рӯ, оятҳои зерин нозил шуд: «Лайса ъалайкум ҷуноҳун ан табтағӯ  фазлан мин раббикум». Яъне, гуноҳе нест бар шумо, ки дар ҳангоми ҳаҷ касби маош намуда, аз фазли Худованд рӯзӣ талабед.

***

Боғи накӯкорон с.917-922